Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 014 назди
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш.Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ, 146.,www.tajagroun.tj,
E-mail: mtti2009@mail.ru)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Насридинов Шамолиддин Сайфиддинович дар мавзӯи "Такмил ва таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- (Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои он қисми таркибии рушди муносибатҳои истеҳсолӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ бозоргонӣ, аз ҷумла дар кишоварзӣ, ҳамчун омили муҳими таъмини рушди устувори соҳа ба ҳисоб меравад. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун соҳаи муҳими иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, чунки ҳоло дар деҳот- 75,0 % аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, ки қисми зиёди он ба соҳибкории кишоварзӣ машғуланд. Бинобар он фаъолияти соҳибкорӣ омили муҳими бо ҷои кор таъмин намудан ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати некуаҳолии на танҳо деҳот, балки ҳамаи аҳолии мамлакат ба ҳисоб рафта, ҳамзамон аз рушди соҳаи кишоварзӣ фаъолияти корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ низ вобаста мебошад. Ҳоло дар ин соҳа - 18,7% маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ истеҳсол гардида ва 51,0% маҳсулотҳои истеъмолиро таъмин менамояд.

Муаммоҳои рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити ҳозираи рушди муносибатҳои нави хоҷагидорӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд, ҳамин тавр, ки ин ва дигар масаълаҳои ба он алоқамандбуда мубрамияти мавзӯъро муайян месозад.

Муаллиф соҳибкориро чун категорияи иқтисодӣ, кулли муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии субъектҳои алоҳида дар истеҳсол, коркард, фурӯши мол, кор ва хизматрасониҳо, аз рӯи принсипҳои мустақилият, худҷавобгарӣ, худтанзимкунӣ, худтаъминкунӣ, худидоракунӣ, худҷубронии хароҷотҳо бо истифода аз қобилияти дарки масъулият, ақл, ахлоқу одоб, қобилият, маҳорат, ақидаҳои хоҷагидорӣ ва истифодаи онҳо дар амалияи ҳоҷагидорӣ тавсиф намудааст, ки фаҳмиши ин ибораро такмил медиҳад.

Ӯ тавонистааст дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи таҷрибаи ташаккул ва

рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар мамлакатҳои хориҷа назарияҳои гуногуни рушди низомҳои иқтисодӣ ва мавқеи соҳибкорӣ таҳлил гардида, ҳамоҳангсозӣ миёни рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва вазъи муҳити тиҷорати беруна ошкор карда шудааст, ки ба вазифаҳои гузошташуда мувофиқ мебошад.

Новобаста аз ин автореферати диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест. Ба назари мо, агар муаллиф таъсири омилҳои иҷтимоиро ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ бо истифода аз усулҳои математикӣ муайян мекард, диссертатсия боз такмил меёфт.

Вале эроди гирифташуда тамоюли маслиҳатӣ дошта қиммати диссертатсияро паст намекунад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Насридинов Шамолиддин Сайфиддинович дар мавзӯи "Такмил ва таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон " ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тодикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор мебошад.

**Декани факултети иқтисодиёти соҳавӣ ва менеҷменти инноватсионии Донишгоҳи давлатии Данғара**
**н.и.и., дотсент** **А.Т.Рӯзиев**

**Имзои Рӯзиев А.Т., декани факултети иқтисодиёти соҳавӣ ва менеҷменти инноватсионии Донишгоҳи давлатии Данғара н.и.и., дотсент тасдиқ мекунам,**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДД** **Ҷабборӣ Н.**